*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8, синф. 102)*

**ТАҚРИЗ**

***ба автореферати диссертатсияи Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович дар мавзӯи «Асосҳои рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ***

Мавзӯи таҳқиқоти Ҷамолиддинов С.Р. дар шароити кунунии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки гузариш ба модели истеҳсолоти пасоиндустриалӣ ва шиддат гирифтани рақобати тиҷоратӣ дар сатҳи ҷаҳониро тақозо мекунад, ниҳоят муҳим ва мубрам мебошад. Ташаккули муҳити солими рақобатӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботҳои КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Точикистон омода гардидааст. Мақсад, вазифа, объект ва предмета таҳқиқоти диссертатсия дуруст интихоб гардида, вобаста ба самти мавзуи таҳқиқотшаванда тартиб дода шудаанд.

Автореферати диссертатсияи мазкур ба яке аз масоили мубрам бахшида шуда, муаллиф дар автореферат нақши рақобатро на танҳо чун воситаи коҳиши арзиши молҳо, балки ҳамчун омили ҳавасмандгардонии рушди инноватсионӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳо дуруст арзёбӣ намудааст. Истифодаи методологияи муосир, аз ҷумла усулҳои эконометрикӣ (коррелятсионӣ-регрессионӣ) ва экстраполятсионӣ барои пешгӯии хароҷоти истеъмолӣ, ба хулосаҳои диссертатсия эътимоднокии илмӣ мебахшад (саҳ.26).

Навгонии илмии таҳқиқот, ки дар таснифот ва низомбандии муаммоҳои бозори молҳои истеъмолӣ (аз ҷумла муносибатҳои институтсионалӣ, соҳавӣ ва инфрасохторӣ) инъикос ёфтааст, арзиши баланди амалӣ дорад. Инчунин, таҳияи модели стратегияи рақобат ва пешниҳоди ду варианти стратегияи рақобатӣ («хароҷоти оптималӣ» ва «уқёнуси кабуд») барои бозори Тоҷикистон ҷолиб ва саривақтӣ мебошад (саҳ.30).

Автореферати диссертатсияи мазкур бо забони илмии фаҳмо навишта шудааст, ки масоили бисёр муҳими иқтисодии замони муосирро дар бар мегирад, лекин барои бозҳам хубтару беҳтар гардидани сифати он як қатор тавсияҳо дорем:

1. Дар бахши «омилҳои мусоидаткунанда ва боздоранда», таъсири омилҳои берунаи иқтисодӣ (ба монанди тағйирёбии қурби асъор ва хавфҳои геополитикӣ) ба рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ тавре, ки бояд буд, ба таври амиқ таҳлил нагардидааст. Тавсия дода мешавад, ки дар пажӯҳишҳои минбаъда таъсири ин омилҳо ба нархгузории молҳои воридотӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти маҳаллӣ бештар кушода дода шавад.

2. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки самаранокии пасти институти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон яке аз муаммоҳои бозор аст. Аммо дар автореферат роҳҳои мушаххаси тақвияти ҳамкории байни «бизнес – ҷомеаи шаҳрвандӣ – давлат» барои ҳимояи рақобат ва ҳуқуқи истеъмолкунандагон нисбатан кам инъикос ёфтааст. Мақсаднок мебуд, агар муаллиф дар ин самт механизмҳои институсионалии бештар пешниҳод мекард.

3. Дар ҷадвали 4-и автореферати диссертатсия оид ба хароҷоти истеъмолӣ, пешгӯиҳо барои солҳои 2025-2028 дар заминаи маълумоти то соли 2024 оварда шудаанд, аммо ба манфиати кор мебуд, агар тавзеҳи кофӣ дар бораи он ки чӣ гуна хавфҳо метавонанд ин пешгӯиҳоро дар шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ дигаргун созанд, ба назар гирифта шаванд.

Автореферати диссертатсияи мазкур кори илмии мустақилона анҷомёфта баҳисоб рафта дорои навгонӣ ва пешниҳоду хулосаҳои муҳим мебошад, ки дар оянда барои ташаккулёбӣ ва рушди рақобат дар бозори соҳавии иқтисодиёти миллӣ метавонад мусоидат намояд. Маводҳои нашр намудаи диссертант фарогири мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия мебошад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҷамолиддинов Суҳроб Рустамҷонович зинаҳои лозимаи санҷиширо гузашта, ба ҳимоя пешниҳод гардидааст. Дар маҷмуъ автореферати диссертант мақсаду вазифаҳо ва масъалаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи зарурӣ иҷро кардааст.

Умуман, сохтор ва муҳтавои автореферат ба талаботи муқарраршудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгӯ буда, мазмуни он ба пуррагӣ натиҷаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифта, забон ва услуби баён илмӣ, возеҳ ва мантиқӣ мебошад. Хулоса ва тавсияҳо ба натиҷаҳои таҳқиқот мувофиқат буда, асоснок пешниҳод карда шудааст. Аз ин лиҳоз, кори илмӣ ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфта арзёбӣ мешавад ва муаллифи он - Ҷамолиддинов Сухроб Рустамҷонович - сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз**

номзади илми иқтисодӣ, дотсент, мудири
кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ Сафаров А.А.

Имзои номзади илми иқтисодӣ, мудири
кафедраи назарияи иқтисодии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ,
Сафаров А.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода М.А.
Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (992) 985905990
E-mail : safarov.azam@mail.ru

«27» 08 2026